# ТАҚРИЗИ

## роҳбари илмӣ ба кори диссертатсионии Тошов Ҳоҷиакбар Муҳидинович дар мавзуи «Масъалаҳои таъмини амнияти минтақавӣ дар Осиёи Марказӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа PhD, доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050200 – Сиёсатшиносӣ (6D050204 – Проблемаҳои сиёсии муносибатҳои байналмилалӣ, инкишофи глобалӣ ва минтақавӣ)

Минтақаи Осиёи Марказӣ мавқеи хоси геостратегӣ дошта, дар заминаи сиёсат ва амнияти ҷаҳонӣ мавриди таваҷҷуҳи рӯзафзун қарор дорад. Ин минтақа дар пасманзари маҷмӯи мураккаби омилҳои таърихӣ, фарҳангӣ ва геополитикӣ ташаккул ёфта, ба объекти таваҷҷуҳи ҳам қудратҳои ҷаҳонӣ ва ҳам фаъолони минтақавӣ табдил ёфтааст. Мавқеи ҷуғрофии Осиёи Марказӣ, ки дар пайванди тамаддунҳои гуногун ва масирҳои фаромиллӣ ҷойгир аст, ба минтақа дар равандҳои иқтисодиву сиёсии ҷаҳон нақши калидӣ медиҳад. Таърихи ташаккули минтақаи Осиёи Марказӣ аз ғании мероси фарҳангии он ва гуногунҷанбаи таъсири ҳамсоягони он шаҳодат медиҳад.

Дар ҷаҳони муосири бисёрқутбӣ минтақаи Осиёи Марказӣ бо чолишҳо ва имкониятҳое рӯбарӯ аст, ки бархӯрди ҳамаҷонибаи илмӣ ва таҳлили объективиро талаб мекунанд. Аз ин ҷост, ки таҳқиқоти диссертатсионии Тошов Ҳоҷиакбар Муҳидинович дар пажӯҳиши масъалаҳои амнияти минтақавии Осиёи Марказӣ омили муҳимтарини масъалаҳои мубрами замони муосир бахшида шудааст, ки аҳамияти назариявӣ, илмӣ ва амалиро дар худ таҷассум менамояд. Зеро дар ҳамаи давру замон таъмини амният барои пешрафти давлату миллат дар мадди аввал қарор дорад. Бояд қайд намуд, ки мавҷудияти як қатор таҳдидҳо, аз ҷумлаи терроризм ва экстремизм ба фазои амниятии ин ё он давлат таъсиргузор буда, хатарзо ба ҳисоб меравад. Ҳамчунин, барои кишварҳо дар минтақаи Осиёи Марказӣ масъалаи терроризм ва экстремизм низ ба яке аз мушкили аввалиндараҷа мансуб мубаддал гардида, дар рушду нумӯъи кишварҳои минтақа таъсири манфӣ мерасонад. Хусусияти хосаи ин мушкилоти замони муосир дар он ифода меёбад, ки он метавонад дар ҳар лаҳза таъсири амиқи худро расонад.

Тошов Ҳ.М. кӯшишҳои зиёде ба харҷ додааст, то ки тавонад сабабҳо, омилҳо ва унсурҳои асосии масъалаҳои амниятии минтақаи Осиёи Марказиро муайян намояд. Ӯ кушидааст, ки асосҳо, захираҳо ва вазъи кунинии минтақаро вобаста ба вазъияти кунунии сиёсии замони муосир мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор диҳад. Дар кори диссертатсионӣ диққати асосӣ ба масъалаҳои амнияти дохилии минтақаи Осиёи Марказӣ дода мешавад. Муаллиф боварии комил дорад,

ки таҳдиди асосие, ки боиси нигаронии кишварҳои минтақа ба ҳисоб меравад терроризм ва экстремизм мансуб меёбанд. Ҳамчунин, муаллиф дар кори диссертатсионии худ роҳҳои ҳал ва мубориза бар зидди ҳама гуна таҳдидҳои замони муосир, ки дар амнияти кишварҳои минтақа таъсир мерасонанд, ибрози ақида намуда, фаъолияти созмонҳои бонуфузи минтақавӣ аз қабили ИДМ, СААД ва СҲШ-ро дар мубориза бар зидди таҳдидҳои мавҷудаи минтақавӣ мавриди омӯзиш ва таҳқиқ қарор додааст. Муаллиф бовар бар он дорад, ки кишварҳои минтақа дар ҳамкорӣ бо созмонҳои минтақавӣ имкони бештар ҷиҳати мубориза бар зидди ҳама гуна таҳдидҳоро ба даст оварда, дар рафъи онҳо нақши созмонҳоро мусбӣ арзёбӣ намудааст. Мақом ва нақши кишварҳои абарқудрат дар таҳкими амнияти минтақавии Осиёи Марказӣ аз таваҷҷуҳи муаалиф дур намонда, балки нақши Россия, Чин ва ИМА, ки се бозингарони асосӣ ҷиҳати таҳкими амният дар минтақа нақши калиди доранд, мавриди таҳқиқ қарор додааст.

Навоварии илмии таҳқиқоти муаллиф дар баррасии мафҳум ва моҳияти таҳдидҳо, аз ҷумла терроризм ва экстремизм дар заминаи таҳлили васеи консепсияҳои гуногуни илмӣ, инчунин фаъолияти созмонҳо ва ҳаракатҳои террористию экстремистии мавҷуда, ки бевосита ба фазои амнияти минтақавии Осиёи Марказӣ таъсиргузоранд, дониста мешавад. Дар баробари ин нақш ва мақоми созмонҳои минтақавӣ, аз қабили Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил ва Созмони Аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ дар таҳкими амният дар Осиёи Марказӣ ва рушди ҳамкориҳои зиддитеррористӣ дар доираи созмонҳои болозикр бо нишон додани дастовардҳо, таҳлил карда, ба стратегия ва механизмҳои ҳамкории ин созмонҳо дар баробари таҳдидҳои афзоянда таваҷҷуҳи хоса зоҳир карда шудааст. Дар ин росто, инчунин мақом ва мавқеи Созмони ҳамкории Шанхай дар ҳифзи амнияти минтақавӣ ва мубориза бо таҳдидҳои замони муосир муайян мавриди омӯзиш ва таҳқиқ қарор дода шудааст. Илова бар ин, навоварии пажӯҳиш дар таҳлили мавқеи абарқудратҳо, аз қабили Россия, Чин ва ИМА дар таъмини амнияти минтақа ва ҳамкориҳои дуҷонибаи онҳо бо кишварҳои минтақа дар шароити муосир дониста шуда, таъсири «неруи нарм»-и муайян ва таҳлил гардида, оид ба дурнамои ҳамкориҳои кишварҳои минтақаи Осиёи Марказӣ дар самти мубориза бо таҳдидҳои замони муосир ва падидаҳои номатлуб натиҷагирӣ карда шудааст.

Аҳамияти назариявии таҳқиқот доир ба масъалаҳои амниятӣ дар фазои минтақаи Осиёи Марказӣ, ки аз нуқтаи назари илмҳои сиёсӣ

муҳим арзёбӣ мешавад, равона гардидааст. Тошов Ҳ.М. кӯшиш ба харҷ додааст, то омӯзиш ва таҳқиқи ҷараёни таҳия ва татбиқи амнияти минтақавӣ дар заминаи муқовиматбор гардидани вазъи кунунии кишварҳои минтақа таҳлил намояд.

Аҳамияти амалии таҳқиқоти муаллиф барои таҳким бахшидани зиракии сиёсӣ, худогоҳии миллӣ ва аз худ кардани донишҳои муосири насли наврас, махсусан донишҷӯёни муассисаҳои олии кишвар мусоидат хоҳад кард. Натиҷаҳои таҳқиқоти муаллифро метавон дар рафти омӯзиши фанҳои таълимӣ дар муассисаҳои оливу касбӣ, курсҳои махсус, омода намудани кадрҳои мақомоти дар ин самт фаъолияткунанда ба таври васеъ истифода кард.

Нуқтаҳо, хулосаҳо ва тавсияҳои пешниҳод намудаи муаллиф оид ба рафъи таҳдидҳои мавҷуда дар минтақа, ки барои татбиқи амалӣ аҳамияти махсус доранд. Хулосаҳои баровардашуда асоснок ва мувофиқанд. Эътимоднокии натиҷаҳои тадқиқотро истифодаи усулҳои гуногун, таҳлили ҳаматарафаи доираи васеи адабиёт, сохтори ақидаи мантиқии кори диссертатсия, инчунин истифодаи бисёр манбаъҳои муътабари иттилоот тасдиқ мекунанд. Таҳлили воқеъаҳову ҳодисаҳои солҳои охир саривақтӣ ва мувофиқ будани хулосаҳоро таъкид мекунад, ки ин ба онҳо арзиши баланди илмӣю амалӣ медиҳад.

Сохтор ва мазмуни кори диссертатсионӣ аз мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот бармеояд. Диссертатсия аз номгӯи ихтисораҳо, муқаддима, тавсифи умумии таҳқиқот, се боб, хулоса тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот, рӯйхати адабиёт ва интишороти муаллиф аз рӯйи мавзуи диссертатсия мебошад.

Муқаддимаи кори диссертатсионӣ дар асоси талабот ва дархостҳои санадҳои меъёрӣ таҳия гардида, ба талаботи низомномавӣ ва дастурамалҳои меъёрии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон риоя карда шудааст.

Боби аввали рисола, ки **«Асосҳои назариявию методологии таҳқиқи масъалаи таъмини амнияти минтақавӣ»** ном дорад, омӯзиши ҳамаҷонибаи таҳдидҳои амниятии муосир бо таваҷҷуҳи хоса ба терроризму экстремизм ва зуҳуроти харобиовари онҳо дар Осиёи Марказӣ мебошад. Муаллиф дар ин боб паҳлӯҳои гуногуни таҳдидҳо, моҳият ва хусусиятҳои онҳо, инчунин омилҳоеро, ки ба паҳншавӣ ва шиддатёбии онҳо дар минтақа мусоидат мекунанд, ба таври муфассал баррасӣ кардааст. Зербоби якуми боби аввал ба фаҳмиши назариявии мафҳуми таҳдидҳо, аз ҷумла терроризму экстремизм бахшида шудааст.

Муаллиф моҳияти ин таҳдидҳо, хусусиятҳои асосии онҳоро амиқ таҳлил намудааст. Бар асоси таҳқиқоти илмӣ ва вазъи кунунии сиёсии минтақа равишҳои мухталиф барои дарки ин таҳдидҳо баррасӣ мешаванд. Ин бахш ба мо имкон медиҳад, ки моҳияти ин падидаҳоро хубтар дарк кунем ва мушкилоти асосии онҳоро барои амнияти Осиёи Марказӣ нишон диҳем.

Дар зербоби дуюм ба таҳлили гурӯҳҳои террористӣ ва ифротгароӣ, ки дар Осиёи Марказӣ амал мекунанд, таваҷҷуҳи хоса дода шудааст. Муаллиф сохтор, усул ва тактикаи онҳоро барои расидан ба ҳадафҳояшон, инчунин таъсири онҳоро ба амнияти дохилии минтақа ба таври муфассал омӯхтааст. Аҳамияти хоси ин зербоб дар он аст, ки он барои ошкор кардани механизмҳои фаъоли фаъолияти ин гурӯҳҳо, ки ба суботу амнияти кишварҳои Осиёи Марказӣ таҳдид мекунад, мусоидат мекунад. Илова бар ин, дар ин зербоб омилҳои иҷтимоӣ, сиёсӣ ва иқтисодӣ, ки ба паҳншавии таҳдидҳои терроризм ва экстремизм мусоидат мекунанд, мавриди баррасӣ қарор мегиранд. Ба андешаи муаллиф, амиқ омӯхтан ва таҳлили моҳият ва хусусиятҳои таҳдидҳои терроризму экстремизм ҳамчун падидаҳои номатлуб, ки бархӯрди илмӣ ва ҳамаҷонибаро тақозо мекунад, ниҳоят муҳим аст. Дар асоси хулосаҳои назариявии дар ин боб овардашуда, муаллиф дар бораи зарурати муборизаи муштарак бар зидди гурӯҳҳо ва созмонҳои террористиву экстремистие, ки бевосита ба амнияти минтақа таъсиргузоран донистааст.

Боби дуюми рисола, **«Ҳамкориҳои созмонҳои минтақавӣ дар мавриди мубориза бар зидди таҳдидҳои минтақавӣ дар шароити Осиёи Марказӣ»** ба таҳлили амиқ ва ҳамаҷонибаи ҳамкории кишварҳои Осиёи Марказӣ дар доираи чунин созмонҳои калидии минтақавӣ, аз қабили ИДМ, СААД ва СҲШ бахшида шудааст. Муаллиф ба мавзуи муҳиму актуалӣ, нақши ин созмонҳо дар ҳалли мушкилоти амниятӣ ва муқовимат бо таҳдидҳои муосир, аз ҷумла терроризму экстремизм таваҷҷуҳ кардааст. Дар рисола саҳм ва таъсири созмонҳои минтақавиро дар таҳкими амният дар Осиёи Марказӣ ҳадафмандона арзёбӣ кардааст. Ба таҳлили самаранокии ҳамкориҳо дар доираи ин созмонҳо, ки дар шароити афзояндаи таҳдидҳои терроризм ва дигар хатарҳои фаромиллӣ ниҳоят муҳим аст, таваҷҷуҳи хоса зоҳир мешавад. Намунаҳои мушаххаси ҳамкориҳо ба таври муфассал баррасӣ карда мешаванд, ки ин имкон медиҳад аз  дастовардҳо ва мушкилоти мавҷуда дар соҳаи амният баҳо дода шавад.

Қобили зикр аст, ки муаллиф ба зарурати беҳтар кардани ҳамоҳангсозии талошҳои кишварҳои минтақа таъкид кардааст. Дар ҳоле ки ИДМ, СААД ва СҲШ барои муттаҳид кардани қувваҳо дар мубориза бо таҳдидҳо аллакай корҳои назаррасро анҷом додаанд, муаллиф дуруст қайд мекунад, ки ҳанӯз ҳам як қатор мушкилоте вуҷуд доранд, ки таваҷҷуҳ ва ҳалли онҳоро талаб мекунанд. Дар байни онҳо таҳияи руйхати ягонаи созмонҳои террористиву экстремистӣ аз ҷониби созмонҳои болозикр ва ғайра дониста шудааст.

Дар боби сеюми кори диссертатсионӣ **«Дурнамои таъмини амнияти дастаҷамъӣ дар фазои сиёсии Осиёи Марказӣ»** муаллиф накш ва мақоми абарқудратҳои ҷаҳонӣ, аз қабили Россия, Чин ва ИМА-ро дар таъмини амнияти минтақавӣ таҳқиқ намудааст. Дар ин боб ба таҳлили рақобати геополитикӣ ва ҳамкории ин кишварҳо дар минтақа ва саҳми онҳо дар ҳифзи суботу амният таваҷҷуҳи хоса зоҳир шудааст.

Тошов Ҳ.М. бар ин назар аст, ки Осиёи Марказӣ ба як фазои муҳими геополитикӣ табдил ёфтааст, ки дар он манфиатҳои абарқудратҳои ҷаҳонӣ бархӯрд мекунанд. Ин ба мавқеъи нодири ҷуғрофии минтақа, захираҳои ғании табиӣ ва аҳамияти стратегии он вобаста аст, ки таваҷҷуҳи фаъолони мухталифи байналмилалиро ба худ ҷалб мекунад. Дар шароити ҷолишҳои муосири ҷаҳонӣ ва минтақавӣ абарқудратҳое чун Россия, Чин ва ИМА манофеи сиёсиву иқтисодии худро фаъолона амалӣ мекунанд, ки дар навбати худ ба субот дар минтақа таъсир мерасонад. Дар ин боб таваҷҷуҳи хоса ба он меравад, ки чӣ гуна Русия, Чин ва ИМА аз «неруи нарм» дар Осиёи Марказӣ барои татбиқи стратегияҳои худ истифода мекунанд. «неруи нарм» на танҳо таъсири сиёсӣ ва иқтисодӣ, балки дипломатияи фарҳангӣ, барномаҳои таълимӣ, ташаббусҳои башардӯстона ва иштироки фаъол дар созмонҳои мухталифи бисёрҷониба, ки ба суботи минтақа нигаронида шудаанд, дар бар мегирад. Муаллиф баррасӣ мекунад, ки чӣ гуна ҳар яке аз ин кишварҳо барои таҳкими нуфузи худ дар Осиёи Марказӣ аз абзорҳо ва равишҳои худ истифода мекунанд.

Муаллиф аҳамияти ҳамкории кишварҳои Осиёи Марказӣ ва абарқудратҳои ҷаҳонро барои таъмини амнияти минтақа таъкид кардааст, ки ин на танҳо ба суботи иқтисодӣ ва сиёсӣ, балки барои пешгирии таҳдидҳои мавҷуда, аз қабили терроризм, экстремизм ва қочоқи маводи мухаддир мусоидат мекунад. Инчунин, вазъи имрӯзаи Осиёи Марказӣ аз нигоҳи манфиатҳои геополитикии абарқудратҳои ҷаҳонӣ баҳогузории ҳамаҷониба дода шудааст.

Тошов Ҳ.М. барои рушди ҳамкориҳо ва таъмини амнияти минтақавӣ пешниҳодҳои саривақтӣ, муҳим ва созандаро тавсия намудааст, ки албатта барои дарки муносибатҳои байналмилалӣ дар Осиёи Марказӣ аҳамияти бузург дорад.

Автореферат ва интишороти муаллиф муҳтавои диссертатсияро ифода мекунанд.

Ҳамин тариқ, дар хулоса метавон гуфт, ки диссертатсияи Тошов Ҳоҷиакбар Муҳидинович дар мавзӯи “Масъалаҳои таъмини амнияти минтақавӣ дар Осиёи Марказӣ” барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа PhD, доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050200 – Сиёсатшиносӣ кори илмӣ-тадқиқотии анҷомёфта буда, масъалаи мубрами рӯзро таҷассум менамояд. Рисола дорои аҳамияти илмӣ-амалӣ буда, ба меъёрҳои муайянкардаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ аст. Бинобар ин, муҳаққиқ Тошов Ҳоҷиакбар Муҳидинович барои сазовор гаштан ба дараҷаи илмии доктори фалсафа PhD, доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050200 – Сиёсатшиносӣ арзанда мебошад.

Роҳбари илмӣ:
номзади илмҳои сиёсӣ,
дотсенти кафедраи умумидонишгоҳии сиёсатшиносии
Донишгоҳи давлатии омӯзгории
Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ Бедилзода Ҳ.К.

Имзои Бедилзода Ҳ.К.-ро тасдиқ
менамоям: Сардори раёсати кадрҳо
ва корҳои махсуси ДДОТ ба номи
С. Айнӣ Мустафозода А.

РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС

19. 02. 2024